# ТАҚРИЗ

ба автореферат диссертатсияи Ҳисайнов Далер Эмомович
доир ба мавзӯи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника

Дар ҶумҳурииТоҷикистон рушди соҳаи чорводорӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимтарини ҳифзи амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои гӯшту шир ва дигар маҳсулоти ғизоӣ, онро минбаъд тараққӣ додан шарт ва зарур аст. Барои зиёд кардани саршумори чорво, баланд бардоштани маҳсулнокии он, пеш аз ҳама, таҳкурсии мустаҳками хӯроки чорво лозим аст.

Зиёд намудани истеҳсоли хӯроки чорво ва беҳтар намудани сифати он имконият медиҳад, ки ҳатто самаранокии саршумори мавҷудаи чорворо баланд бардорем. Вазни қиёсии хӯрокҳои растанигӣ дар балванси умумии хӯрок хеле калон аст. Ҳиссаи он 95%-и ҳамаи воҳидҳои хӯрокиро ташкил мекунад. Аз ин рӯ, дар мустаҳкам намудани таҳкурсии хӯрок, зиёд кардани истеҳсоли хӯроки растанигӣ аз ҳисоби марғзорҳои табиӣ, растаниҳои лӯбиёгии худрӯйи ва парвариши зироатҳои хӯроки чорво бағоят калон аст.

Ҳисайнов Далер кори илмӣ-таҳқиқотии худро оид ба омузиши хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб дар сатҳи баланд иҷро намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Бояд қайд кард, ки навгонии илмӣ аз он иборат аст, ки дар шароити минтақаи Кӯлоб бори аввал бо назардошти баҳодиҳӣ аз ҷиҳати экологӣ, хусусияти биологӣ, сифати хӯроки чорво, аз ҷиҳати хоҷагидорӣ аломатҳои пурарзиши растаниҳо, баҳогузории ҳосилнокӣ ва сифати ҳосил дода шудааст. Инчунин, дар ҳавзаи дарёи Яхоб омӯзиши ҳаматарафаи растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво гузаронида шуда, хусусиятҳои нашъунамо ва инкишоф ба роҳ монда шуда, илман асоснок карда шудааст.

Натиҷаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии Ҳисайнов Д.Э. нишон медиҳад, ки дар шароити табиӣ –иқлимии ҳавзаи дарёи Яхоб минтақаи Кӯлоб барои рушди чорводорӣ хеле мусоид буда, захираҳои хӯрокии ин ҷо барои ривоҷ додани сохтори чарогоҳӯ нигоҳдории ҳайвонотҳо хеле мувофиқ мебошад.

Растаниҳои яксолаи лӯбиёгӣ дар шароити гуногуни экологӣ–географӣ ва фитосенотикӣ паҳн шудаанд. Дар натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ маълум гардид, ки дар миёни растаниҳои лӯбиёгиҳои яксолаи ёбоии ҳавзаи дарёи Яхоб астрагали оҷингмева (*Astragalus rutilobus* Bunge); сидирки бебаргча (*Lathyrus aphaca*), Қатраборони зебо (*Onobrychis pylchella*), юнучқаи лундашакл (*Medicago orbicularis*), юнучқаи хурд (*Medicago minima* (L.) Grufb), мунҷи сермӯяк (*Vicia villosa* Roth.) мунҷи муқарарӣ (*Vicia sativa* L.) себаргаи қаратоғӣ (*Trifolium karatavicum*) дар ҳавзаи дарёи Яхоб минтақаи Кӯлоб вилояти Хатлон таҳқиқот гузаронида, тавсияҳо низ оид ба натиҷаи таҳқиқот ба истеҳсолот пешниҳод карда шудааст.

Дар автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ вуҷуд доранд, ки ислоҳшаванда буда, ба аҳамияти илмии кори иҷрошуда таъсири манфӣ намерасонад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти илмӣ инъикоси пурраи худро ёфтааст. Автореферат диссертатсияи пешниҳод шуда ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ ҷавобгу буда, муаллифи он Ҳисайнов Далер Эмомович ба гирифтани унвони номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Ходими илмии шуъбаи зироатҳои сабзавотӣ, полизӣ, дарахтони мевадиҳанда ангур ва растаниҳои шифобахши Маркази миллии захираҳои генетикии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, н.и.б.
(1.15.20-захираҳои биологӣ) Ш. Муродов

Суроға: 735104, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ,
деҳаи Маҳмадшои боло, ММЗГ-и АИКТ, тел: 905772343
E-mail: mshamsullo@bk.ru

Имзои Муродов Ш. - ро тасдиқ мекунам.
Нозири кадрҳои ММЗГ-и АИКТ Миҷгонаи М.

17.05.2024